# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмӣ - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Эмомов И.Б. ба диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи "Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

**Мубрамият, ҳадафмандӣ ва афзалиятнокии таҳқиқот.**

Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар таваҷҷӯҳ ба проблемаи информатизатсия ҳамчун самти асосии модернизатсияи низоми таҳсилот равона карда мешавад, ки акнун ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии стратегии рушди тамаддун баррасӣ ва арзёбӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, дар солҳои соҳибихтиёрӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба таҳсилот якчанд барномаҳои давлатӣ, қонунҳо, стратегияҳо ва консепсияҳо қабул карда шудаанд.

Дар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва Дар «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» вазифаҳои асосӣ ва вазифаҳои таҳсилоти иттилоотӣ -коммуникатсионӣ возеҳу равшан муайян карда шудаанд.

Ба ҳамин муносибат дар муқоиса бо ҳамгироии эълоншудаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва татбиқи амалии онҳо дар омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ихтилофот вуҷуд дорад, аз ҷумла, байни зарурати иттилоотии таҳсилот дар таълими забонҳо ва мавҷуд набудани методҳои таълими забони англисӣ ва фарҳанги кишваре, ки дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ омӯхта мешаванд.

Мубрамияти таҳқиқот боз дар он зоҳир мегардад, ки айни замон, технологияҳои иттилоотӣ қисми ҷудонопазири ҳаёти мо гаштаанд. Ҳоло соҳаи фаъолияти инсонро қариб пайдо кардан мумкин нест, ки дар он баъзе вазифаҳо тавассути компютер ва Интернет ҳалли худро наёбанд. Пешрафтҳои охирини технологияҳои олӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки раванди таълимро такмил диҳанд ва ба пойгоҳи сифатан нав гузаранд. Интиқоли иттилоот тавассути асбобу анҷомҳои гуногуни нармафзор ва сахтафзор имконпазир гардид, ки имкон медиҳад маълумотро дар шакли садоӣ ва визуалӣ, яъне мултимедӣ коркард намоед.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, истифодаи технологияҳои мултимедӣ дар методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ нақши назаррас дорад. Истифодаи луғатҳои электронӣ, энсиклопедияҳо, китобҳои дарсии интерактивӣ ва дастурҳо, бозиҳо, захираҳои интернетӣ, тренажерҳо, презентатсияҳои электронӣ ва ғайра имкон медиҳанд, ки самаранокии азхудкунии мавод баланд бардошта шавад. Яке аз афзалиятҳои истифодаи воситаҳои мултимедӣ ин аст, ки онҳо имкон медиҳанд, ки як қатор чорабиниҳои маърифатиро барои донишҷӯён ташкил намуда, роҳҳои гуногуни васеъ кардани луғат ва шиносоӣ бо услубҳои нави суханронӣ, беҳтар кардани хотираи забонии омӯхташуда ва робитаҳои байни ин сохторҳо ва омӯзиши малакаҳои муайян фароҳам оварда шаванд.

**Мақсади таҳқиқот:** аз лиҳози назариявӣ асоснок кардан ва тариқи озмоиш санҷидани самаранокии методикаи омӯзиши забони англисӣ дар асоси технологияи мултимедӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди педагогии таълими забони англисӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ.

**Педмети таҳқиқот:** шароитҳои лингводидактикии такмили сифати таълим ва омӯзиши забони англисӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисоси гуманитарии макотиби олӣ мебошад.

Дар заминаи мақсад, объект ва предмети таҳқиқот дар диссертатсия унвонҷӯ тавонистааст, ки *масъалаҳои зайлро* мавриди омӯзиш қарор бидиҳад:

1. Муайян намудани хусусиятҳои лингвистии забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ ва вазифаҳои методии технологияҳои мултимедӣ.

2. Мушаххас кардани доираи малакаҳои нутқронӣ ва забондонӣ дар муоширати муҳассилини ихтисосҳои гуманитарӣ, ки бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ роҳандозӣ мешаванд.

3. Муайян ва муқаррар намудани шароитҳои психологию педагогӣ барои омӯзиши забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ.

4. Таҳияи низоми методии таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ.

5. Таҳияи алгоритми маҳорати гуфтор ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ бо истифода аз технологияи мултимедӣ (технологияи блогҳо ва пневматикҳо) ва як қатор вазифаҳое, ки ба рушди малакаҳои забономӯзии донишҷӯён дар заминаи технологияҳои сайёру мултимедӣ нигаронида шудаанд.

6. Арзёбии самаранокии усулҳои таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ дар таълими таҷрибавӣ ва тавсифи натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии он.

Бо камоли итминон гуфтан мумкин аст, ки диссертант дар муайян намудани вижагиҳои методии таълими забони англисӣ бо истифодаи технологияи сайёру мултимедӣ мақсад, объект ва предмети таҳқиқотро хуб дарку фаҳм намудааст ва барои кушодани моҳияту мазмуни масъала дар асоси маводи фаровон кӯшиш ба харҷ додааст.

**Навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар нуқтаҳои зерин ифода ёфт:

- дар асосноккунии назариявии истифодаи моделҳои таҷрибавӣ, дар ҷараёни фаъолияти муштараки педагогии омӯзгору донишҷӯй;

- барномаи илмӣ ва методӣ барои амалӣ намудани ташкили технологияҳои раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси муносибати моделҳои таҷрибавӣ;

- дар кушода додани технологияи ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси муносибат ба моделҳои таҷрибавӣ ва санҷиши самараноки он ба рушди шахсии таҳқиқот ва озмоишҳои таълимии ҷавонон бо роҳи таҷрибавӣ.

- самаранокии таҳқиқот дар барномаи илмӣ - методӣ барои амалӣ намудани ташкили технологияҳои раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар асоси муносибати моделҳои таҷрибавӣ;

**Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот ва натиҷаҳои илмӣ дар доираи талабот ба диссертатсия.**

Аҳамияти илмӣ-амалии таҳқиқот дар он зоҳир гардидааст, ки маводу натиҷаҳои ба дастоварда метавонад ҳамчун сарчашмаи асосӣ ба

сифати таъминоти методӣ барои инкишофи салоҳияти педагогии омӯзгорон ва инчунин, ба сифати маводҳои иловагӣ дар омӯзиши фанҳои бахши педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд.

Тавсияҳои методӣ оид ба инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорон ва маводҳои ташхисӣ метавонад барои ошкор намудани мушкилоти касбии омӯзгорон дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ ва коркарди барномаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Мутобиқати диссертатсия ба талаботи низомнома оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми кор 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

Дар муқаддима перомуни мақсаду вазифаҳои кор ва методҳои тадқиқотӣ сухан рафта, унвонҷӯ аппарати илмии рисоларо возеҳу равшан баррасӣ намудааст.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои назариявии таълими забони англисӣ дар асоси технологияи мултимедӣ» масъалаҳои вобаста ба паҳлуҳои назариявии истифодаи технологияҳои сайёру мултимедиро зимни таълими забонҳои хориҷӣ фаро мегирад. Фаслҳои «Хусусиятҳои дидактикӣ ва вазифаҳои методии технологияи мултимедӣ», «Технологияи муосири сайёру мултимедӣ ва омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ» ва «Шароитҳои психологӣ-педагогии таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ» муфассал тавсифу баррасӣ гардидаанд.

Боби дувуми диссертатсия - «Шароитҳои экспериментали таълими забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ» иборат аз баррасию таҳқиқи ҷанбаю паҳлуҳои амалию таҷрибавии омӯзиши забони англисӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарӣ дар заминаи технологияҳои

сайёру мултимедӣ мебошад. Қисмати «Алгоритм ва силсилаи вазифаю супоришҳо оид ба омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияи сайёру мултимедӣ» назму тартиб ва силсилаи вазифаҳо доир ба таълими забонҳои хориҷӣ дар асоси технологияҳои сайёру мултимедиро фаро гирифта, ба масъалаҳои вобаста ба баргузорӣ аз таълими экспериментали дар омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо бахшида шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия ҷамъбасти андешаҳои илмии унвонҷӯ дар бандҳои алоҳида оварда шудааст, ки мазмуни корро ба таври мухтасар ифода мекунанд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, сатҳи диссертатсия, мутобиқат ба нишонаҳои тахассусӣ.**

Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои бадастомадаро инҳо таъмин менамоянд: истифодаи пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии пажӯҳиш, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқанд; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи қавоиде, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи пажӯҳиш ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои диссертатсия дар низоми таҳсилоти олии омӯзгорӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи диссертатсия.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо чопшуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

**Эродҳо дар маҷмӯъ оид ба рисолаи таҳқиқотӣ.**

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудию норасоиҳо низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили кор минбаъд хеле муфиданд:

1. Дар рӯйхати адабиётҳо сарчашмаҳо ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони русӣ аз тарафи муаллифи диссертатсия ба таври алоҳида дар ҷо гардидаанд, аммо, ҳарчанд адабиётҳо дар рӯйхат бо забони англисӣ мавҷуд бошанд ҳам, вале онҳо алоҳида ҷудо карда нашудаанд.

2. Диссертант қисмати озмоишии таҳқиқотро танҳо дар ду муассисаи таҳсилоти олӣ (ДДК ба номи А. Рӯдакӣ ва ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ба роҳ мондааст. Барои беҳбудии кор, хуб мешуд, ки муаллиф корҳои озмоишии таҳқиқотро аз рӯи ихтисосҳои таърих ва ҳуқуқ дар якчанд муассисаҳои таълимии олии дигари кишвар низ мегузаронид.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатоҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ҳеҷ гоҳ қимати илмии кори дисссертатсиониро паст намекунанд.

**Мутобиқати мукаммалии таълифот, истифодаи натиҷаҳои бадастомада**

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 12 асару мақолаҳо инъикос ёфта, аз ҷумла 6 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои асосии ба дастомадаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинару тренингҳо васеъ баррасӣ шудаанд. Мақолаҳо мазмуну муҳтавои рисоларо пурра дар бар мегиранд.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро дар бар мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, кори таҳқиқотии анҷомдодашуда ба унвонҷӯ имкон додааст, ки оид ба усулҳои таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Таърих ва ҳуқуқ») ба дастовардҳои нави илмӣ ноил гардад.

**Хулоса**

Вобаста ба мубрамият, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадӣ дар мавзӯи «Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ" (самти «Таърих ва ҳуқуқ») ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 7, 10, 11, 12, 14 ва 16 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 тахти рақами № 505 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Шарипов Хуршед Алихонович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва
хизмати Тоҷикистон
16 ноябри соли 2020 . Эмомов И. Б.

**Маълумот барои тамос:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5. Телефон: (+992) 918 68 08 21. E-mail: iemomov@mail.ru

Имзои И. Б. Эмомов-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДССХ
16 ноябри соли 2020 Ҷураев Ш. Н.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС